ХУЛОСА

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики АТТ, ноиби президенти Академияи тахсилоти Точикистон Каримова Ирина Ҳоловна ба унвончӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович, ки рисолаи «Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Масъалаи таҳқиқнамудаи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович яке аз мавзуъҳои ҳалталаби педагогикаи замони нав маҳсуб меёбад. Дар рафти таҳияи рисолаи илмӣ ва таҳқиқоти худ муаллифи рисолаи диссертатсиони қайд намудааст, ки низоми муосири такмили ихтисоси омӯзгорон бояд дар худ як низоми чандирӣ ва динамикиеро таҷассум намояд, ки ба талаботи ин ё он муассисаи таълимии мушаххас ҷавобгӯ буда, салоҳиятнокии касбию педагогии омӯзгорро ба назар гираду фаъолияти худро, махсусан баҳри ташаккули ҳаракати касбии онҳо низ равона созад.

Ҳадафи стратегии ҳамаи намудҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф таъсиси низоми муттасили баландбардории тахассус ҳамчун воситаи идоракунии мақсадноки барномавии рушди касбӣ ва худрушдёбии кадрҳои касбӣ – педагогии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар тамоми фаъолияти касбию педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллиф хеле бамаврид таъкид кардааст, ки нахустин аломатҳои ҳаракати касбӣ дар давраи инқилоби неолитӣ, замоне ба амал омаданд, ки одамон аз шаклҳои азхудкунии иқтисодиёт ба заминдориву кишоварзӣ гузаштанд. Ҳамин тариқ, яке аз марказҳои аввалини инқилоби неолитӣ Шарқи Наздик даниста мешавад, ки дар он ҷо ромсозӣ на дертар аз 10 ҳазор сол пеш оғоз шудааст. То ба имрӯз мушкилоти ташаккули ҳаракати касбӣ аз ҷониби муҳаққиқони зиёде мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Барҳе аз

онҳо мушкилоти мазкурро аз мавқеи равиши салоҳиятнокӣ баррасӣ мекунанд, масалан, Э.Ф. Зеер, Д.Мартенс, А.Шелтон қайд карданд, ки асоси ҳаракати касбиро бояд салоҳиятнокиҳое ташкил диҳанд, ки доираи васеи амалро фаро гирифта, ба мутахассисон имкон медиҳад, ки аз доираи як гуруҳи касбҳо берун шуда, аз ҷиҳати касбӣ ва равонӣ ба касбҳои нав омода шаванд.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳо муҳими ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ, роҳҳо, методҳо ва воситаҳои ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ, заминаҳои назарияви ва амалии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ, ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар раванди таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои мубрамеро вобаста ба мавзуи таҳқиқотии худ ба нақша гирифта, дар бартараф намудани онҳо то ҷое ба ҳадаф расидааст.

Диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи “Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ” кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мувофиқат мекунад.

Роҳбари илмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор,
академики АТТ, ноиби
президенти Академияи
тахсилоти Точикистон И.Х. Каримова

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. А.Атхамов, 11/2
тел.: (+992) 90 772 55 94
E-mail: gumanizm@mail.ru

Дурустии имзои И.Х. Каримоваро
«тасдиқ мекунам»
Нозири кадри АТТ М.Саидова
14 феврали соли 2024